ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"28" 02 соли 2023 №35/ум шаҳри Душанбе

*Дар бораи додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархатҳои 4, 9 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 2, 4, 5 сархати 1 банди 38 ва 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Довталабони дар замимаи фармоиш зикршуда ба унвони илмии дотсент сазовор дониста шаванд.
2. Ба номбурдагон шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода шавад.
3. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории ду адад шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент чораҳои зарурӣ андешад.
4. Иҷрокунандаи вазифаи мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Муминзода Б.Ғ.) вазифадор карда шавад, ки барои дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, ҷойгир намудани нусхаи фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: қарори шурои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 феврали соли 2023, № 3.

Раис Розиқзода А.

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «28» 02 соли 2023, № 85/дн

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии дотсент, ки ба онҳо шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода мешавад

| р/т | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти унвони илмии дотсент | Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии дотсент ба Комиссия дархостнома пешниҳод намудааст; унвони илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Муродов Маҳмадқул Ҷонбобоевич | Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Тибби клиникӣ» |
| 2. | Нуралиев Маҳмадали Дустмуродович | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Тибби клиникӣ» |